**Тақриз**

**ба автореферати Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқи мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод») воқеан аз масъалаҳои хеле кам омӯхташуда дар майдони публитсистикаи тоҷик аст. Роҷеъ ба баъзе паҳлӯҳои ин мавзӯъ дар нигоштаҳои муҳаққиқони тоҷик ба таври обзорӣ ва тезисҳо гузориш ва таҳқиқот ба назар мерасад, вале то кунун як таҳқиқоти ҷомеи монографӣ ба назар намерасид, ки ин холигоҳро дар фазои илмӣ, фарҳангӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович пур карда метавонад. Публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ аксари мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва набзи ҷомеаро фаро воқеан фаро гирифта, дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳову муаммоҳои муҳимми замон рисолати шоистаро анҷом медиҳад. Матбуоти маҳаллӣ дар ҳама давру замон бо осори публитсистиву бадеии худ чандин саҳифаҳои рангини таърихи маҳалро инъикос кардааст, ки нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод» аз ҷумлаи чунин матбуоти маҳаллии тоҷикӣ ба ҳисоб меравaнд. Автореферати диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович ба таҳқиқи нақши ин ду нашрияи маҳаллӣ дар густариши хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон бахшида шуда, аз муқаддима, чаҳор боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо фароҳам омадааст. Муаллиф баъд аз баёни масъалаҳои назарӣ дар муқаддима, дар чаҳор боб вежагиҳои мавзӯъ, ҳадафҳои асосии таҳқиқро бо як занҷираи дурусти илмӣ

таҳқиқ ва пажӯҳиш кардааст. Баҳсҳои унвонҷӯ аз таҳқиқи сарчашмаҳо ва андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ шоистаи таҳсин аст ва хуб ба назар мерасад, ки Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович мавзӯъ ва масъалаҳои таҳқиқро хуб медонад. Муаллиф дар фаслҳои сеюм ва чаҳоруми боби аввал таърихи ин ду нашрияро хеле хуб омӯхта, мақсаду ҳадафҳои ин намунаҳои матбуоти маҳаллиро дуруст баррасӣ намудааст. Дар боби дувум мавзӯъҳои фарогирифтаи ин нашрияҳо хеле хуб таҳлил шудаанд. Боби сеюми диссертатсия гуногунрангии жанрии матнҳои нашрияҳо ва баъзе хусусиятҳои жанрии назми публитсистиро фаро гирифтааст. Дар боби чаҳорум масъалаҳои воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар публитсистикаи матбуоти маҳаллӣ ва образу образнокӣ дар публитсистикаи матбуоти маҳаллӣ бо овардан ва таҳлил намудани мисолҳои зиёд таҳқиқ шудаанд. Таҳқиқи масъалаҳои дар диссертатсия гузошташуда дар автореферат бо баёни дақиқ ва хуби илмӣ матраҳ гардидаанд.

Автореферат аз нигоҳи методологияи илмӣ, банду басти проблемаҳо ва роҳҳои таҳқиқи он ба равиши хуб ва забони фасеҳи илмӣ нигошта шудааст. Маводи зиёди ду нашрияи маҳаллӣ, ки таҳқиқи хуби илмӣ шудаанд, аз вуқуфи комили унвонҷӯ аз мавзӯи матраҳшаванда дарак медиҳад. Баҳсу мунозираҳои муаллиф бо донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ роҷеъ ба вежагиҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон назаррасанд. Хулосаҳои муаллифи автореферат аз таҳқиқи мавзӯъ дар ёздаҳ банди мушаххас баёнгари андешаи фароҳи ӯ аз таҳқиқи илмии мавзӯъ аст.

Автореферати Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод») кори анҷомёфтаи илмист ва бо забони равони илмӣ навишта шуда, бо дастовардҳо ва комёбиҳояш ба талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ** **Элбоев Вафо**
**Тел: 987600143**
**E mail: Vafo_1965@mail.ru**
**730043, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 121**

**Имзои д.и.ф., профессор Элбоев Вафоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба**
**Номи С.Айнӣ** **Назаров Д.**

**09.06.2021**